ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Мансурова Дилрабо Қодирҷоновна дар мавзуи “Шароитҳои педагогии рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 – Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) пешниҳод гардидааст

Таҳқиқоти диссертатсионии Мансурова Дилрабо Қодирҷоновна дар мавзуи “Шароитҳои педагогии рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз нигоҳи талаботи шароити кунунии рушди босуръати илму техника, иттилоотишавии тамоми соҳаҳои ҳаёт, пешрафти ҷомеа ва таъсири он ба аҳли ҷомеа, хусусан ба насли наврасу ҷавон дар замони муосир муҳим ва мубрам арзёбӣ мегардад. Зеро масъалаи рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии насли наврас дар шароити имрӯза яке аз салоҳиятҳои асосии шахс ва шаҳрванди асри нави бо ном асри иттилоот маҳсуб ёфта, дуруст ба роҳ мондани ҷараёни таълиму тарбияи насли наврас ва омода намудани онҳо ба зиндагии оянда ҳадаф ва вазифаи асосии таҳсилоти муосир мебошад ба ҳисоб меравад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии худ унвонҷӯй Мансурова Дилрабо ҷанбаҳои педагогӣ ва методологии омӯзиши асосҳои назариявӣ ва амалии шароитҳои педагогии рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳадафи омӯзишу таҳқиқ қарор додааст ва бо дарназардошти он ки мавзуи мазкур аз ҷониби олимону муҳаққиони ватанӣ ба таври алоҳида ва мукаммалу ҳаматарафа то ба имрӯз мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор нагирифтааст, месазад, ки коркард ва баррасии ин мавзуъро аз ҷониби довталаб ҳамчун иқдому ибтикори шоиста дар илми педагогикаи миллӣ баҳогузорӣ намуд.

Муҳақиқ барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ масоилеро чун: таҳқиқ намудани моҳияти мафҳуми «рушди салоҳиятҳои маърифатию эҷодӣ» дар гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, ошкор намудани вижагиҳо ва имконоти муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар робита ба рушди салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ, муайян ва таъмин намудани асосноккунии назариявии меъёру нишондиҳандаҳои зарурӣ барои муайян намудани савияи рушди салоҳияти маърифатию

эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва таҳияву татбиқи амалии шароитҳои педагоӣ, инчунин амсилаи рушди салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ дар шароити муассисаҳои таҳсилоти томактабӣро ҳамчун вазифаҳои таҳқиқот мавриди таҳлили илмӣ қарор дода, дар ин ҷода ба як идда навгониҳо муваффақ шудааст, зеро таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои методии аз ҷониби муаллиф ироашуда бозгӯйи онанд.

Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки кори диссертатсионии довталаб аввалин таҳқиқоти проблемаи шароитҳои педагогии рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқ, ки заминаи назариявию амалии рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабиро дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ташкил медиҳад, барои рушди минбаъдаи таҳқиқот дар самти мазкур аҳамияти муҳим дорад.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки муаллифи диссертатсия амсилаи ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар асоси равишҳои салоҳиятнокӣ, фарҳангшиносӣ, аксиологӣ, субъектӣ-фаъолиятӣ ва системавӣ барои дарки вижагиҳои раванди мазкур таҳия шудааст, ки он ба назарияи таълими томактабии кӯдакон саҳми муайяне мебошад, заминаи методологии тайёрии томактабии кӯдакон бо фаъолияти аз ҷиҳати назариявӣ асоснокшуда ва дар амал татбиқшавандаи педагогӣ, ки ба ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ нигаронида шудааст, такмил ва ғанӣ гардонида шудааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот аз инҳо иборат аст: маҷмӯи воситаҳои муассир муайян карда шудаанд, ки ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабиро дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ таъмин мекунанд. Аз ҷумла, мачмӯи махсуси воситаҳои ташхис барои муайян намудани савияи ташаккули салоҳияти маърифатию эҷодӣ таҳия шудааст, барномаи таълимии томактабии дорои ҷанбаии умумиинкишофӣ, ки ба ташаккули қобилияти бадеии кӯдакон нигаронида шудааст, бо номи «Устохонаи сеҳрнок» таҳия ва тасвибшудааст,тавсияҳои амалӣ ва назариявӣ оид ба барномаи таълимии

умумиинкишофї, ки вазъияти кунунии тарбияи томактабиро дар љумњуриро ба назар мегирад, мураттаб гардидааст.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот аз гузарондани таҳлили назариявӣ ва методологии рушди проблемаи ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии кӯдакони синни калони тмактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии ҷумҳурӣ, таҳияи асосҳои консептуалӣ, методологӣ, технологӣ ва ташкилии рушди ин салоҳиятҳо дар кӯдакон, коркарди ҷанбаҳои назариявии тарбия кӯдакон, муайян намудани омилҳо ва тамоюлҳои муайянкунандаи тағйироти низоми таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, ташкил ва гузаронидани озмоиши педагогӣ ва натиҷагирии он, таҳияи мақолаҳои илмии марбут ба мавзуи таҳқиқот иборат аст.

Довталаб дар мураттабсозии рисолаи илмӣ заҳмати зиёд кашида, худро ҳамчун як мутахассиси донандаи соҳаи худ муаррифӣ карда тавонистааст. Аз ин рӯ, бо боварии том метавон диссертатсияи Мансурова Дилраборо кори илмии баанҷомрасида ва дорои арзиши илмии назариявӣ ва амалӣ ҳисобид. Автореферат низ ба талабот ҷавобгӯ буда, муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

Кори таҳқиқотии Мансурова Дилрабо Қодирҷоновна дар мавзуи "Шароитҳои педагогии рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 – Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) сазовор мебошад.

Шоҳида Тайлонова

Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи назария ва методикаи тањсилоти томактабии Донишкадаи педагогии Узбекистон-Финляндия, Ҷумҳурии Узбекистон

20.08.2024

NING IMZOSINI TASDIQLAYMAN
O'ZBEKISTON - FINLANDIYA PEDAGOGIKA INSTITUTI XODIMLAR BO'LIMI BOSHLIG'I

XODIMLAR BO'LIMI

**Маълумот барои тамос:**
ш. Самарқанд, кӯчаи Спитаменшох, хонаи 166
Phone: +998954108015 Email: devonxona@uzfi.uz

*Имзои Тайлонова Шоҳидаро тасдиқ мекунам.*

*Сардори кадрҳои Донишкадаи педагогии Узбекистон-Финляндия* ____________________ *Кулиева С.М.*